**ПРОТОКОЛИ №36.1**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**02 июни соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, № 403/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи сабти ҳузур, ки имзои шахсии ҳар як аъзои шуро гузошта шудааст, дар маҷлис 9 нафар, аз ҷумла докторони илм, инчунин аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар докторони илм иштирок доранд.

Ҳамин тавр, кворум ҳаст. Шуро ваколатнок аст, ки масъалаи дар рӯзнома гузошташударо баррасӣ намояд. Бобати оғоз намудани кори шуро чӣ хел пешниҳодҳо ҳастанд? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Кӣ тарафдори он, ки кори шуроро оғоз намоем? Хоҳишмандам, овоз диҳед! Муқобил? Бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

## Дар маҷлис иштирок доштанд:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан (online) | д.и.и., 08.00.03 |
| 2. | Ризозода Тӯра Раббим | д.и.и., 08.00.03 |
| 3. | Назаров Хуршед Собирҷонович | н.и.и., 08.00.03 |
| 4. | Бобоҷониён Даврон Дадоҷон | д.и.и., 08.00.03 |
| 5. | Бойматов Алиҷон Азизович | д.и.и., 08.00.10 |
| 6. | Газибеков Садриддин Арслонбекович | д.и.и., 08.00.10 |
| 7. | Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич | д.и.и., 08.00.10 |
| 8. | Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович | д.и.и., 08.00.10 |
| 9. | Раҳимов Абдулатиф Маҷидович | д.и.и., 08.00.03 |

**Рӯзномаи маҷлис:**

Ба ташхиси пешакӣ қабул кардани диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ( маркетинг)

**Баромад намуданд:** раис ва аъзои шурои диссертатсионӣ – д.и.и, профессор, Бойматов А.А, д.и.и, профессор Газибеков С.А, д.и.и, профессор Раҳимов А.М.

**Қарор карда шуд:**

Диссертатсияи Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи “Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ ( маркетинг) ба ташхиси пешакӣ қабул карда шавад.

1. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад:

**Исмоилов М.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ - раиси комиссия

**Ризозода Т.Р.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

**Дадоматов Д.Н.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

2. Комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки мутобиқи банди 60 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, дар асоси таҳлили маводи пешниҳодшуда доир ба имконпазир будани қабули диссертатсия барои ҳимоя хулоса пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ:
тарафдор - 9 нафар;
зид – нест;
бетараф – нест;
Қарор бо як овоз қабул шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шуро, н.и.и., дотсент** **Назаров Х.С.**